«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
________________________
«__»__________________ соли 2023

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимои-иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)» аз ҷониби Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Носирзода Ҳусейни Саъдулло 07 июли соли 1991 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2013 собиқ Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳсоибӣ таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ хатм намудааст.

Солҳои 2013-2015 ҳамчун магистр аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва аудит дар донишкадаи мазкур таҳсил кардааст.

Аз соли 2013 то соли 2015 ҳамчун коршиноси қарзии Бонки Эсхата дар ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият менамуд.

Соли 2016 то моҳи сентябри соли 2022 ба ҳайси сармутахассиси Маркази такмили ихтисоси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда, бо фармоши ректори донишгоҳ тибқи гузариш аз моҳи сентябри соли 2022 ба ҳайси муовини декан оид ба илм дар факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Феврали соли 2023 дар асоси фармоиши ректори донишгоҳ тариқи гузариш ба вазифаи мудири бахши “Иттилоот ва танзим”-и Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин гардида, то ҳол фаъолият дорад.

Аз соли 2016 ҳамчун ассистент дар кафедраи Менеҷмент ва соли 2017 то ин ҷониб ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳоисбӣ дар ҳаҷми 0,5 воҳиди корӣ фаъолият менамояд.

Номбурда бо фармоиши ректори ДМИТ аз 16.12.2017 №128/И ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисод қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсионии Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар ҷаласаи Шурои олимони собиқ Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) таҳти №8/6.7 аз 27-уми феврали соли 2018 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, Директори Маркази такмили ихтисоси ДМИТ Ҷӯраев Хуррам Гафорович таъин гардида, баъдан бо сабабҳои ба миён омадани зарурияти корӣ мавзӯи диссертант якҷо бо роҳбари илмии таъин шудааш аз 30.01.2020 №7/5.9 иваз карда шуд. Айни ҳол диссертант бо мавзӯи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)» зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Умаров Хоҷамаҳамад кори таҳқиқотии илмии худро ба анҷом расонидааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 5 (аъло), аз 14.06.2021, таърих ва фалсафаи илм 5 (аъло), аз 19.12.2020 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.06. – Идоракунии инноватсияҳо бо баҳои 5 (аъло), аз 21.06.2023 дар Донишгоҳи Славянии Русиву Тоҷикистон супорида, соҳиби шаҳодатнома гардидааст.

Унвонҷу оид ба мавзуи диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Дисертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисод ва иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкоро аз «04» сентябри соли 2023, суратмаҷлиси №2 муҳокима гардидааст. Ба дисертатсия аз ҷониби роҳбари илмӣ баҳои мусбат дода шуда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мубрам будани мавзуи диссертатсия;**

Баъди комёбшудан ба Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти куллии иқтисодиву иҷтимоӣ гузаронида шуд. Он имкон дод, ки муносибатҳои бозорӣ дар кишвар ба таври васеъ руҳандозӣ гарданд. Аз солҳои аввали комёб шудан ба Истиқлоли давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Токистон

кӯшиш ба харҷ медод, ки барои рушди устувори соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ шароитҳои мусоидро фароҳам оварад.

Таҷрибаи беш аз 30 солаи рушди иқтисоди ҷумҳурӣ дар раванди бозор исбот намуд, ки саноати кишвар ба рақобати шадиди аз иқтисоди ҷаҳонӣ баромада дучор гаштааст ва муқовимати муваффақи он ба ин рақобат танҳо дар шароити бунёди имкониятҳои мусоид барои ҷори намудани инноватсияҳо амалӣ мегардад.

Ҳукумати мамлакат бо ин сабаб таваҷҷӯҳи асосиро ба самти рушди устувори инноватсионии иқтисод ва хусусан соҳаи саноат медиҳад.

Бояд гуфт, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ мавқеи иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвари ба муносибатҳои бозорӣ гузаранда ба рушди идоракунии инноватсионии иқтисодаш алоқаманд. Дар давраи гузариш масъалаи рушди илмӣ ва технологияҳои нав аҳамияти хеле махсус пайдо мекунанд ва рақобатпазирии санаот ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори ҷаҳонӣ аз сатҳи воридогардонии навигариҳои илму техника вобаста мебошад.

Ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар ташаккул ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дида мешавад, зеро яке аз омилҳои бартарафсозии мушкилот ин ҷорӣ намудани инноватсия дар иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Олимон ва иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ дар хусуси ҷанбаҳои рушди иқтисодиёт ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо назару андешаҳои тозаро дар таҳқиқотҳои илмӣ нишон дода, асарҳои илмӣ эҷод намудаанд.

Солҳои охир, иқтисодиёти ҷаҳон дар вазъияти душвори иқтисодӣ қарор гирифта, амалҳои стратегии рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ ба таври кофӣ иҷро нашуда истодааст. Сол то сол масоили рушди устувори соҳаи саноати хӯрокворӣ бо вазъи номутаносиби амнияти озуқаворӣ дучор гардида истодааст. Дар ин баробар, нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғизо низ боло рафта, номукаммалии идоракунии онҳо ба миён омада истодааст. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ бояд ба ин соҳаи бениҳоят муҳим, яъне саноати хӯрокворӣ дода шавад, зеро он таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ ва рушди босуботи иқтисодӣ ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки инноватсия натиҷаи ниҳоии дониш буда, он бояд ба амалия татбиқ карда шавад. Аз ин рӯ, дар кишвар номукаммалии фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи давлат, корхонаҳои саноатӣ ва марказҳои технологию хизматрасонӣ дида мешавад.

Дар робита бо ин, аҳамияти то кадом андоза татбиқи идоракунии инноватсия дар корхонаҳои саноатӣ вуҷуд дорад. Инчунин, низоми самаранокии идоракунию танзимнамоии ҷараёнҳои фаъолияти инноватсионӣ, ҷорӣ намудани идоракунии равандҳои инноватсионӣ ба фаъолияти иқтисодии онҳо ва то кадом

андоза таъмин рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ қарор дорад, муҳимияти маҳзуи таҳқиқотии мазкурро муайян менамояд.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;**

Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъудлло дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла, ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба технологияҳои инноватсионию рақамӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 робита дорад.

4. **Навгонии илмии таҳқиқот** ба асосҳои назариявию методологии идоракунии рушди устувори корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, бояд маҷмӯи тадбирҳои идоракунии инноватсияро дар раванди фаъолияти оид ба мукаммалгардонии механизми идоракунии рушди устувории инноватсионии корхонаҳои саноатии хӯрокворӣро фарогир шавад.

Натиҷаҳои муҳимтарин тадқиқот, ки навгониҳои илмӣ доранд, аз инҳо иборатанд:

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, муайянсохтани рушди устувори инноватсионии саноат ва ба низом даровардани афкори илмӣ доир ба он;
2. Меъёрҳои идоракунии инноватсионӣ дар шароити муосир ва шароиту имкониятҳои мавҷуда барои гузариш ба рушди устувори инноватсионии иқтисоди мамлакат мушаххас карда шудаанд;
3. Таҳлили вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ ҳамчун масъалаи муҳимми таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шуд. Барои боз ҳам тезонидани суръати рушди истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ, идоракунии рушди устувори равандҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулот тарзу воситаҳои нав манзур карда шудаанд;
4. Дар шароити прогресси илму техника роҳҳои нави фаъолгардонии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва такмили низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаи саноат, беҳтарсозии механизми идоракунӣ, такмили низоми миллии инноватсионӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноати хӯрокворӣ муайян карда шудаанд;

5. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар шароити муосир зарурати таҳияи модели идоракунии рушди устувори корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба миён омад. Модели мазкур барои рафъи мушкилиҳо, ба даст овардани комёбиҳои инноватсионӣ ва самаранокии фаъолияти соҳаи хӯрокворӣ аҳаммиятнок арзёбӣ гардид.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- собит гардидааст, ки дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инноватсия дар рушди устувори инноватсионии саноат нақши калидӣ бозида, барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла маҳсулоти хӯрокворӣ ва такмили идоракунии он аҳаммияти хос дорад. Ҷорӣ намудани методология ва принсипҳои идоракунии инноватсионӣ барои пешрафти фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва рушди устувори инноватсионии онҳо дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ ба мақсад мувофиқ мебошад;

-меъёрҳои мушаххасгардонии идораи рушди устувори инноватсионӣ дар шароити муосир масъалаи муҳим арзёбӣ гардида, дар бештари мавридҳо имконияти гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ-инноватсионии мамлакатро муайян менамоянд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи инноватсия аз назари методологӣ бояд меъёрҳои мушаххаси идоракунии рушди устувори соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро муайян карда тавонад;

- таҳлили нишондиҳандаҳои саноати хӯрокворӣ ва динамикаи рушди он нишон медиҳад, ки бароҳмонии инноватсия ба рушди истеҳсолоти соҳаи хӯрокворӣ суръат мебахшад. Дар бараҳмонии инноватсия ҷиҳати самаранокгардонии фаъолият бештар фаъолсозии корхонаҳои аз фаъолиятмонда, баланд бардоштани сифати маҳсулот, идоракунии равандҳои инноватсионии он, хусусан, банақшагирии маркетингӣ ва молиявӣ, тезонидани ҷараёни инкишоф ва паҳн намудани маҳсулоти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нақши бузург мебозад;

- дар шароити муосир фаъолгардонӣ ва такмили рушди устувори низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаи саноат барои нав кардани механизми такмили он таҳияи моделҳои идоракунии инноватсионии миллӣ ва нав кардани фондҳои асосии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ шарти зарурӣ ва муҳим аст. Дар сурати такмил додани низоми инноватсионии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи усулҳо ва такмили методикаи идоракунии инноватсионӣ самаранокии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ таъмин мегардад.

- дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои илмӣ модел барои таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таҳия гардид. Модели мазкур масъалаҳои равандҳои рушди устувори инноватсиониро бо назардошти таҷрибаҳои иқтисоди ҷаҳонӣ дар бар гирифта, истифодаи он самаранокии инноватсияро дар соҳаи хӯрокворӣ таъмин хоҳад кард.

**5. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатҫия ва автореферати он;**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 13 кори илмӣ, аз он ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

**[1-М]** Носирзода Ҳ.С. Инноватсия – омили асосии рушди иқтисоди миллӣ [Матн] /Ҷӯраев Х.Ғ., Носирзода Ҳ.С.// Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Душанбе, 2018.-№1(13). С. 23-29. ISSN 2408-929X.

**[2-М]** Носирзода Ҳ.С. Хусусиятҳои равандҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Ҷӯраев Х.Ғ., Носирзода Ҳ.С.// Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон 2018/№9. С. 118-1234.

**[3-М]** Носирзода Ҳ.С. Ташаккули низоми миллии инноватсионӣ дар сатҳи рушди илмию технологӣ [Матн] / Ҷӯраев Х.Ғ., Носирзода Ҳ.С.// Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Душанбе, 2019.-№4(20).С. 52 -58.

**[4-М]** Носирзоада Х.С. Некоторые вопросы инновационного развития промышленных предприятий в условиях ускоренной индустриализации [Текст] /Носирзода Х.С.// Финансово-экономический вестник (научно-практический журнал), Душанбе, 2020.-№ 4 (24) С.170-177.

**[5-М]** Носирзода Ҳ.С. Механизмҳои ташкилию иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Носирзода Ҳ.С.// Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). Душанбе, 2019.-№4(28).С.163-171.

**[6-М]** Носирзода Ҳ.С. Ҷиҳати назариявии рушди иқтисоди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Умаров Х., Носирзода Ҳ.С.// Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2022.-№2(31) С.14-22.

**[7-М]** Носирзода Ҳ.С. Идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ [Матн] /Умаров Х., Носирзода Ҳ.С.//Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон Бахшҳои илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2023.№4 Қисми1. С. 14-21. ISSN2413-5151.

**6. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)» дар ҷараёни фаъолияти ҶДММ "Висол" истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти мақомотҳои идоракунии соҳаҳои саноат истифода бурд.

**7. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ;**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои идоракунии рушди равандҳои фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ метавон истифода бурд, зоҳир мегардад.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Кафедар пас аз муҳокимаи диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ; шунидани роҳбари илмӣ – д.и.и., профессор Умаров Х.У.; баромади номзадҳои илмҳои иқтисодӣ, дотсентон Муртазоев Н.А., Урунбоев А, Нуриддинов С.З., Ҷураев Х.Ғ., Наҷмиддинзода А.Ю., Оймаҳмадов Г. ва Хоҷахонов А.; баромади аъзои даъватшудаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062-и Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, ҷаласаи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодию иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло,

**қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи «Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷавобгӯ ба талаботи муқаррargардида арзёбӣ

мегардад ва барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянҷи) Россия ва Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 25 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳи 18 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 18 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодию иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 04-уми сентябри соли 2023, суратҷаласаи №2 қабул шудааст.

Раиси ҷаласа
мудири кафедраи
Назарияи иқтисоди
ДДМИТ н.и.и., профессор — Насриддинов Ф.Б.

Котиби ҷаласа:
н.и.и., дотсент,
мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо
ва соҳибкории ДДМИТ — Нуриддинов С.З.

Дурустии имзоҳои Насриддинов Ф.Б.
ва Нуриддинов С.З.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ